# МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ФАН

| Мафҳум | | Мазмуни мафҳум |
|---|---|---|
| Алгоритм | - | маҷмӯи амалиётҳои пайдарпай, ки ҳалли масъаларо таъмин менамояд |
| Амсила (модел) | - | тасвири объекти тадқиқшаванда, ки хосиятҳои муҳим, сохтор ва самтҳои тағйирёбии онро таҷассум менамояд |
| Амсилаи компютерӣ | - | амсилаи ба воситаи барномаҳо тарҳрезигашта |
| Барномаи компютерӣ | - | пайдарпайии батартибовардашудаи фармонҳо (дастурҳо), ки тавассути компютер ҳалли масъаларо таъмин менамояд |
| Барномаи системавӣ | - | зермаҷмӯи барномаҳои компютерӣ, ки барои идораи компютери фардӣ равона карда шудааст |
| Барномаи татбиқӣ | - | зермаҷмӯи барномаҳои компютерӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои амалӣ равона карда шудааст |
| Забони барномарезӣ | - | забони сунъӣ, ки барои сохтани барномаҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст |
| Захираи иттилоотӣ | - | қисми махсус ҷудошудаи дониш, ки ба маълумот табдил ёфтааст |
| Интернет | - | шабакаи компютерии саросарӣ |
| Интерфейс | - | робитаи байни ҷузъҳо ва корбарони системаи компютерӣ |
| Иттилоот (информатсия) | - | хабар, сигнал - маълумот оид ба муҳити атроф, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро кам менамояд |
| Иттилоотонии ҷомеа | - | дар асоси эҷод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ ташкил намудани шароити беҳтарини иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва дар ин замина татбиқ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, органҳои ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои худидораи маҳаллӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ |
| Иттилоотонии маориф | - | раванде, ки тарзи таҳсили шиддатнокро таъмин, шаклу методҳои ташкили фаъолияти таълимиро такмил, таъминоти иттилоотӣ-методиро худкор ва идоракунию ҳуҷҷатгузории мактабро ташаккул медиҳад |
| Иттилоотонӣ | - | раванди эҷод, рушд ва татбиқи саросарии восита ва технологияҳои иттилоотӣ, ки сатҳи зарурӣ ва кифоягии иттилоотии ҳамаи фардҳои ҷомеаро баҳри ҷидан дигаргун сохтани сифати меҳнат ва шароити зиндагӣ таъмин менамояд |
| Компютер | - | таҷҳизот барои табдил ва коркарди худкори иттилоот, тавассути иҷрои пайдарпайи дастурҳо (фармонҳо) |
| Муҳити иттилоотӣ | - | маҷмӯи шарт ва шароити коркарди технологии иттилооти (дониши) иҷтимоӣ ва истифодаи самараноки он дар шакли маълумот |
| Пойгоҳи додаҳо | - | маҷмӯи маълумоти танзимноки ягон соҳаи муайян |
| Раванди иттилоотӣ | - | дар алоқамандӣ бо омилҳои беруна якҷоя амал намудани ҳамаи ҷузъҳои муҳити иттилоотӣ, ки оид ба объекти омӯхташавандаи система дониши навро тавлид месозад ва онро мавриди ирсол, табдил ва истифодаи ҳамагон қарор медиҳад |
| Саводнокии компютерӣ | - | маҳорати ба воситаи компютер бо барномаҳои системавӣ ва татбиқӣ кор карда тавонистан ва доштани тасаввурот оид ба сохт ва имкониятҳои компютерҳои фардӣ |
| Системаи амалиётӣ | - | маҷмӯи барномаҳои системавӣ, ки робитаи дигар барномаҳоро бо қисмҳои компютер барқарор ва қабули фармонҳои корбарро таъмин менамояд |
| Системаи иттилоотӣ | - | маҷмӯи муташаккили санадҳо ва технологияи иттилоотӣ, ки равандҳои иттилоотиро тавассути компютер ва хати алоқа амалӣ мегардонад |
| Тафаккури алгоритмӣ | - | қобилияти сохтани нақшаи амалиёт ва алгоритм дар шакли барномаи компютерӣ |
| Тафаккури мантиқӣ | - | маҳорат ва қобилияти андешаронӣ, исботкунӣ, интихоби факту далелҳо, асоснокнунии ҳалҳои пешниҳодшуда, гузоштани масъалаҳо ва пешниҳоди алгоритми ҳалли онҳо |
| Технологияи иттилоотӣ | - | яке аз соҳаҳои тафаккури илмӣ, ки ба воситаи системаи таҳлилии ҳодисаҳои муҳити атроф равандҳои иттилоотии бо суръати баланд вусъатёбандаро меомӯзад ва усулу воситаҳои худкори ғункунӣ, қабулкунӣ, нигаҳдорӣ, табдил, ирсол, сабт ва истифодаи иттилоотро тавассути техникаи компютерӣ мавриди омӯзиш ва коркард қарор медиҳад |
| Фарҳанги иттилоотӣ | - | тавассути пойгоҳи додаҳо, хазинаи дониш, системаҳои иттилоотӣ ва бо истифодаи почтаи электронӣ ва шабакаҳои компютерӣ доштани қобилияти ҷустуҷӯ, ғункунӣ, қабулкунӣ, нигаҳдорӣ, табдил, сабт, ирсол ва истифодаи иттилоот |

| Мафҳум | | Мазмуни мафҳум |
|---|---|---|
| Чандрасонай (мултимедиа) | - | дар як санад муттаҳидсозии иттилооти навъҳои матнӣ, рақамӣ, савту садой, графикӣ ва аниматсионӣ |